**Тақриз**

**ба автореферати Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Рисолаи **Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)»** ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими шеъри муосири тоҷик бахшида шудааст, ки бегумон дар муайян намудани ҷанбаҳои ҳунарии шеър нақши назаррас дорад. Тавре аз дараҷаи омӯхташавии мавзуъ пайдост, дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ корҳои ҷудогонае сурат нагирифтаанд ва чунонки диссертант ҳам ишорат кардааст, масъалаи меҳварии диссертатсия танҳо дар мақолаҳои ҷудогонаи олимони тоҷик Матлубаи Мирзоюнус, Равшани Ҳамроҳ, Нуралӣ Нурзод ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби масъалаи мавриди таҳқиқ ба унвони мавзуи диссертатсияи номзадӣ актуалӣ буда, дар заминаи баррасиҳои анҷомдода як паҳлӯи муҳими шинохти арзишҳои бадеии шеъри муосири тоҷик равшан мегардад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти хеш диссертант ба таври алоҳида масъалаҳои тасвир дар шеъри муосир ва шеъри тасвириро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба натиҷае мерасад, ки ҳарчанд дар ҷараёни баррасиҳои анҷомёфта муҳаққиқони шеъри муосири тоҷик анвои тасвириро бар асоси ба кор гирифтани санъатҳои бадеӣ муқаррар намудаанд, вале мутассифона тасвирҳои парадоксӣ аз таснифоти онҳо берун мондааст. Баробари ин, дар заминаи омӯзиши осори назарии адабиётшиносӣ диссертант муқаррар сохтааст, ки дар китобҳои “ал-

Муъҷам"-и Шамс Қайси Розӣ, "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ санъате бо номи танокуз ё муноказа мавҷуд аст, ки онро бархе донишмандон наздик ба ҳамин парадокс хондаанд. Аммо таҳқиқоти диссертант муқаррар мекунанд, ки бо сабаби он ки манзури назарияпардозони гузаштаи мо тазоди маъноист, онро дар навъи айбҳои шеърӣ ворид намудаанд.

Пажӯҳиши диссертант дар мавриди шинохти мафҳуми парадокс дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ бар асоси омӯзиши осори назариву амалӣ хеле муфассал сурат гирифтааст. Заминаҳои зуҳури он дар шеъри классикии тоҷик ва идомаи он ҳамчун як суннати адабӣ дар шеъри муосир низ ҷолиб ба назар мерасад.

Дар умум, дар таҳқиқоти Ризобоева Наргис ду давраи муҳими адабиёти муосири тоҷик аз назари ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеър таҳқиқ шудааст, ки барои шинохти ҷойгоҳи шеъри имрӯз ва таъйини арзишҳои адабиву бадеии он хеле муҳим мебошад. Таҳқиқи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри давраи истиқлол, хосатан дар ашъори шоироне чун Гулрухсор, Фарзона, Доро Наҷот, Озарахш, Суруш, Озар, Гулноз, Нарзуллои Азизиён ва дигарон аз доираи васеи маводи амалӣ, намунаҳои ашъори шоирони имрӯз дарак медиҳад, ки ба доираи фарохи мутолеаи муаллиф ишорат мекунад.

Дар баробари ин дастовардҳо аз автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки дар он баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо барои афзудани ҳусни диссертатсия омил хоҳад буд:

1. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертант дар боби дувум ба масъалаи ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри давраи Шӯравӣ низ руҷӯъ намудааст, ки ин баҳс албатта бисёр муҳим ва саривақтист, зеро заминаҳои зуҳури ин навъ тасвирҳо дар шеъри давраи истиқлол бар асоси он муқаррар ҳам мешавад, чун марҳилаи аввали эҷодиёти устодони назми муосир Муъмин Қаноат, Лоиқ

Шералӣ махз дар ҳамин давра сурат гирифта, нақши онҳо дар шаклгирии падидаҳои ҳунарии шеър муайян шудааст. Ба назари ман, ба унвони намуна аз шоирони дигари ин давра низ мисолҳо барои тасвирҳои парадоксӣ зикр мегардид, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори муаллиф мебошад.

Албатта, камбудиҳои нишондодашуда ҳаргиз аҳамияти диссертатсияро кам намекунанд. Ба таври умумӣ метавон қайд кард, ки диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» таълифи арзишманд ва кори анҷомёфта ба шумор рафта, диссертант сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
ДОТ шаҳри Панҷакент Мизроб Ғаффоров

Имзои н.и.ф. М. Ғаффоровро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент: Қурбонов М.